**Суратмаҷлиси № 21**

Ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002

14 сентябри соли 2018. ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 29 нафар аъзои шӯрои диссертатсионии бо фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2017, № 16 тасдиқгардида, 21 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳафиззода Шодӣ Хуршед дар мавзӯи «Функсияи ҳифзи ҳуқуқии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи ташхиси шӯрои диссертатсионӣ Сафарзода Б.А., аъзои комиссияи ташхис Азиззода У.А. ва Раҳмон Д.С. баромад намуданд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Ҳафиззода Шодӣ Хуршед дар мавзӯи «Функсияи ҳифзи ҳуқуқии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд: Раиси кумита оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амнияти Маҷлиси намояндагони

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Маҷидзода Ҷӯрахон Зоир; дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва хизмати давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Хайруллоев Фаррух Сайфуллоевич.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар таъйин карда шавад: Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ш. Хуҷанд).

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 18-уми январи соли 2019 таъйин карда шавад.

Қарор қабул карда шуд: якдилона.

**Муовини раиси шӯрои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Диноршоҳ А.М.**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**